**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ ЧОРУМИ СОЛИ 2021

*Дар семоҳаи чоруми соли 2021, вобаста ба тадриҷан бартараф гардидани паёмадҳои ногувори пандемияи COVID-19 дар иқтисодиёти миллӣ, вусъат ёфтани равобити марзию тиҷоратӣ бо кишварҳо, барқароршавии рушди иқтисодиёт, афзудани даромади аҳолӣ, коҳишёбии лаппишҳои қурбӣ ва мукаммалгардии сохтори низоми бонкӣ, муътадилии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, аз қабили сатҳи пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва кифояти сармоя таъмин карда шуд.*

**Кифояти сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи чоруми соли 2021 меъёри кифояти сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) аз талаботи муқарраршуда 11,4 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд иҷро гардида, ба 23,4 фоиз баробар шуд. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар ин давра аз ҳисоби коҳишёбии нобаробари сармояи танзимшаванда (4,9 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (25,9 фоиз) ба вуҷуд омад. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 2,2 б.ф. афзуда, ба 19,0 фоиз баробар гардид.

***1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ***




**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 87,7 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи чоруми соли 2020 ба андозаи 17,2 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 ба андозаи 26,2 фоиз афзуд ва ба 106,0 фоиз баробар гардид.

***2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)***




*Бонкҳо ва ТАҚХ.*

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 1,1 фоиз ва 4,8 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 мутаносибан ба андозаи 1,4 б.ф. ва 4,2 б.ф. кам мебошанд. Коҳишёбии мазкур дар натиҷаи андешидани чораи солимгардонӣ дар як бонки алоҳида ба амал омад.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар интиҳои моҳи декабри соли 2021 сифати сандуқи қарзӣ, бинобар мукаммал гардидани сохтори низоми бонкӣ вобаста ба барҳам хӯрдани бонкҳои мушкилотдор ва коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол дар аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ беҳтар гардида, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба 13,7 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,2 б.ф. кам мебошад.

*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи чоруми соли 2021 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 4,7 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи асъории қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ тамоюли коҳишёбии худро идома дода, мувофиқан ба 34,0 фоиз ва 44,5 фоиз баробар гардиданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 қарзҳои асъорӣ ба андозаи 9,2 б.ф. кам ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 0,3 б.ф. зиёд буда, аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳанд.

*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ.*